«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
________________________
«__02__» ____12____ 2024с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Давлатзода Дилшод Шералӣ 25 марти соли 1997 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик.

Соли 2015 ба зинаи бакалавриати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2019 донишгоҳи номбурдаро бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2019 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2021 бо дипломи аъло хатм намудааст. Солҳои 2021-2024 ҳамчун докторант (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)-и кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторанти (PhD) аз тарафи Давлатзода Дилшод Шералӣ 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони маҷмуӣ бомуваффақият супорида шудааст.

Давлатзода Дилшод Шералӣ аз соли 2018 то ҳол дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият кардааст. Солҳои 2018-2020 таҳиягари сомонаи интернетӣ (кори фосилавӣ-дистансионӣ) шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор кардааст. Номбурда солҳои 2020-2022 эдвайзери (дар самти таълими) шуъбаи фосилавии факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият кардааст ва солҳои 2022-2023 эдвайзери (дар самти таълими) шуъбаи фосилавии факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кору фаъолият кардааст. Аз апрели соли 2023 то ҳол ёвари ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28-уми январи соли 2022, суратҷаласаи №6/5.4 тасдиқ шуда, баъдан бинобар сабаби пеш омадани зарурияти истеҳсолӣ тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30.09.2022 №02/3.7 иваз шудааст.

Роҳбари илмӣ, Содиқов Метархон Соқибекович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДМИТ мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи "Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" чунин хулосаҳо бароварда шуд:

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Баҳои кори иҷрошуда.** Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои таҳкими фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар шарти муҳим ба шумор рафта, барои баланд бардоштани рақобатнокии иқтисодиёти миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодӣ мусоидат мекунад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нияти гузаштан аз модели истеъмолӣ ба модели сармоягузорӣ дорад, масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои илми иқтисоди ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар яке аз самтҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои минтақаҳои кишвар низ шарти муҳимми рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ба ҳисоб рафта, дар тақвияти имкониятҳои калони минтақа таъсири калон мерасонад. Аз ин лиҳоз, ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба ҷалби сармоягузорӣ ва тақвияти имкониятҳои минтақа аз ҷумла, истифодаи самараноки иқтидори захираҳои табиӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва табиӣ, ки фаъолгардонии равандҳои сармоягузориро дар минтақа таъмин менамояд, диққати махсус дода мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди минтақаҳои кишвар дар заминаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ умуман, метавонанд барои таҳкими ташаккулёбии иқтисодиёти муосири кишвар заминаи устувори молиявию иқтисодӣ мегузоранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаи калонтарине, ки дар низоми хоҷагидорӣ саҳми калонро дорад, вилояти Хатлон мебошад. Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои пешрафтаи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ бо иқтидори бузурги инфрасохторӣ ва бахшҳои агросаноатӣ ба шумор рафта, дар таҳкими рушди иқтисодиёти кишвар нақши муҳим дорад.

Иқтидори иқтисодии минтақа барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, конеъ гардонидани талаботи аҳолӣ, таъмини рушди мутаносиби истеҳсолот ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ мусоидаткунанда мебошад. Масоҳат, қувваи кории арзон, захираҳои калони табиӣ ва соҳибкорони минтақа метавонад, на танҳо барои рушди иқтисодиёти минтақа, балки барои

таҳкими муносибатҳои истеҳсолии кишвар заминаи устувор гузорад. Истифодаи васеъи иқтидори минтақа барои таҳким ва рушди равандҳои сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ҳамчун омили иловагии рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Сарфи назар аз аҳаммияти рушди фаъолияти хоҷагидории минтақа ба масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун шарти муҳимми инкишофи муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ аҳаммияти басо муҳим дода шуда, мақсади мавзуи тадқиқотро муайян мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқотии диссертатсионӣ** аз асоснок кардани масъалаҳои назариявии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таҳияи чораҳои илмӣ ва амалӣ оиди мукаммалсозии он иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии диссертатсияро дар бар мегиранд, аз инҳо иборат мебошанд:

- дар асоси омӯзиши консепсияи мактабҳои гуногун ва олимони ватаниву хориҷӣ ҷанбаҳои илмиву назариявии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар шароити муосир муайян гардид;

- мавқеъи сармоягузорӣ дар низоми иқтисодиёти кишвар ошкор гардида, сиёсати давлатӣ оиди ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун шарти муҳим асоснок гардидааст;

- равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон ҳамчун тамоюли муҳимми фаъолияти хоҷагидорӣ таҳлил гаштааст;

- фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили рушди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа асоснок гардидааст;

- нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ чун шарти муҳимми рушди иқтисодиёти воқеъӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон муайян шудааст;

- роҳҳои такмили равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ошкор гардида, оиди мукаммалсозии низоми он дар минтақа тавсияҳои муфассал пешниҳод шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

- дар асоси омӯзиши консепсияи мактабҳои гуногун ва олимони ватаниву хориҷӣ, муқоиса ва ҷамъбасти онҳо, аз ҷониби муаллиф консепсияи ташаккулёбии сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа дар шароити бозор таҳия ва пешниҳод шудааст, ки «ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои таҳкими фаъолияти хоҷагидории ҳар як минтақа шарти муҳим ба шумор рафта, имкониятҳои рушди бемайлони онро тақвият дода, фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ аз истифодаи самараноки иқтидори захираҳои табиӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва табиӣ, истифодаи васеи

иқтидорҳои минтақа вобаста буда, ҳамаи ин дар маҷмуъ, ҳамчун омили иловагии рушди иқтисодиёти минтақа баромад мекунад».

- мавқеи сармоягузорӣ дар низоми иқтисодиёти минтақа ва сиёсати давлатӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар сатҳи минтақа дар асоси таҳлили дидгоҳҳо ва назариёти мактабҳои гуногуни илмӣ асоснок гардида, муаллиф бо такя ба рукнҳои мактаби институтсионалӣ, самаранокии сармоягузориҳоро аз муҳити институтсионалии атрофи онҳо вобаста ҳисобидааст, ки фарогири қонунҳо, муқаррарот, меъёрҳои иҷтимоӣ ва омилҳои фарҳангӣ буда, сармоягузорӣ дар минтақаҳое, ки муҳити мусоиди институтсионалӣ, аз қабили муҳити устувори сиёсӣ, танзими шаффоф ва суботи иҷтимоӣ доранд, аксар вақт аз ҷониби сармоягузорон ҷолибтар ҳисобида мешаванд.

- равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон таҳлил гардида, хулоса шудааст, ки вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои пешрафтаи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ бо иқтидори бузурги инфрасохторӣ ва бахши агросаноатӣ ба шумор рафта, иқтидори иқтисодии минтақа барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ, таъмини рушди мутаносиби истеҳсолот ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ мусоидаткунанда буда, масоҳат, қувваи кории арзон, захираҳои калони табиӣ ва соҳибкорони минтақа метавонанд барои рушди иқтисодиёти минтақа заминаи устувор гузоранд ва барои афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати аҳолии минтақа басанда арзёбӣ мегардад.

- фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили рушди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа асоснок гардида, заминаи ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва вазъи муосири минтақаҳои озоди иқтисодии «Кӯлоб», «Данғара» ва «Панҷ», ки дар ҳудуди вилоят фаъолият мекунанд, таҳлил карда шуда, меъёрҳои асосии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар онҳо баррасӣ ва саҳми онҳо дар афзоиши ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, суръат бахшидан ба сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ, рушди инфрасохтори минтақа ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ арзёбӣ гардидааст, муваффақияти МОИ дар баробари ҷалби сармоягузории хориҷӣ аз идоракунии самаранок, стратегияи дурусти рушд, устувории вазъи иқтисодӣ ва таҳкими равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ вобастагии калон дорад.

- дурнамо ва самтҳои такмилдиҳии равандҳои сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод шудаанд: а) ҷиҳати таъмини равандҳои самараноки тиҷорат: давом додани ислоҳоти қонунгузорӣ ва низоми андоз, такмили соҳаи нақлиёт, энергетика, коммуникатсия ва дигар намудҳои инфрасохтор; б) барои қонеъ гардонидани талаботи сармоягузорон: баланд бардоштани сатҳи маълумот ва омодагии қувваи корӣ, таҳияи барномаҳои таълимии касбӣ; в) барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа: пешбурди фаъолонаи

имкониятҳои сармоягузории минтақа, пешниҳоди сабукиҳо ва имтиёзҳо барои сармоягузорон, иштирок дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ; г) самтҳои такмили равандҳои сармоягузорӣ: истеҳсол ва коркарди нахи пахта бо сикли пурраи истеҳсол, коркарди пашм, истеҳсоли маҳсулоти тайёри бофандагӣ ва нассоҷӣ, сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд, саноати маъдан ва кимиё, коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва сохтмони гармхонаҳо, инфрасохтор ва хизматрасонии сайёҳӣ, ки якҷоя ва ҳамоҳанг рушд намудани онҳо дар вилояти Хатлон метавонад ба афзоиши ҷолибияти минтақа барои сармоягузорони хориҷӣ мусоидат кунад.

- ошкорнамоии мушкилоти асосӣ (инфрасохтори номукаммал, сатҳи коррупсия, номукаммалии пойгоҳи ҳуқуқӣ, хавфҳои муосири иқтисодиву молиявӣ, номукаммалии хизматрасониии бонкиву суғуртавӣ, проблемаҳои экологӣ, гаронии андозу гумрук ва инчунин, қафомонӣ дар самти рушди сармояи инсонӣ), ки аз қабили мушкилотҳои маъмул дар минтақа ба шумор рафта, дар умум, барои ҳамаи минтақаҳои кишвар хос мебошанд, дарёфти роҳҳои бартарафнамоии онҳо (ислоҳоти иқтисодӣ, таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ, бунёди инфрасохтори муосир ва ташаккули муносибатҳои муосири бозорӣ, таъмини гуногунсамтии фаъолияти хоҷагидорӣ, ва ғ.) ва усулҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон (дастгирии соҳибкорӣ ва таҳкими равандҳои сармоягузорӣ, ташаккули иқтисодиёти сабз, пешгирии ифлосшавии муҳити зист, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоӣ ва экологии соҳибкорон, роҳандозии шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар самти ҷалби сармоя, пурзӯр кардани мониторинги равандҳои ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ва ғ.).

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки муқаррароти асосии диссертатсионӣ, ҷанбаҳои назариявӣ, хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар таҳкими равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақаҳои кишвар мусоидат намоянд. Инчунин таҳияи чораҳо оиди беҳтарсозии фазои мусоиди сармоягузорӣ амиқ гардонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар имконияти татбиқи ҳамкориҳои муфиди сармоягузорӣ бо кишварони шарикони рушд муайян карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар таъмини рушди босуботи иқтисодии минтақаҳои кишвар дар заминаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ, таҳкими сиёсати иқтисодӣ, воридоти асъори хориҷиву технологияи муосир замина гузорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани дақиқии маълумот, таҷрибаҳо, коркарди омории натиҷаҳои илмӣ, асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмӣ оид ба таҳкими равандҳои сармоягузорӣ, кифоягии ҳаҷми кори диссертатсионӣ ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва

тавсияҳои кори илмӣ дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар сархатҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ): 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Проблемаҳои ташаккулёбии зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ; 11. Фишангҳои муътадилгардонии ба қутбҳо ҷудошавии ҳудудҳо (трансфертҳои давлатӣ, фондҳои инвеститсионӣ, фондҳои дастгирии минтақавӣ, низоми андоз ва ғ.), самаранокии истифодаи онҳо. Проблемаҳои рушди устувору мутавозини минтақаҳо; мониторинги рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо; 21. Вижагиҳои минтақавии амалисозии сиёсати буҷетию андозӣ. Инкишофи муносибатҳои пулию қарзӣ ва буҷетию андозӣ дар минтақаҳо (категория, методология, методҳо, механизмҳо ва фишангҳо); 25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ. Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Марҳилаҳои татбиқи нақшаи кори диссертатсионӣ пурра бо иштироки муаллиф, аз ҷумла, омодакунии мавзуъ, асоснoккунӣ ва аҳаммияти илмию назариявии он, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот ба анҷом расонида шудаанд. Муаллиф дар омода ва апробатсияи равандҳои асосии ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили самтҳои афзалиятноки масъалаҳои баррасишаванда ва инчунин, таҳлили маълумотҳои оморӣ саҳм гузоштааст.

**Тасвиб ва амлисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори диссертатсионӣ дар чорабиниҳои илмӣ, аз ҷумла, дар конфронсҳо ва семинарҳои илмиву амалии донишгоҳи ва ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2021-2024 маъруза карда шудааст. Муқарраротҳои алоҳидаи кори диссертатсия дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар таҳияи барномаҳои иқтисодии вилояти Хатлон тавсия ва истифода шудааст. Хулосаҳои асосии рисола инчунин метавонанд дар фаъолияти амалии иштирокчиёни бозори минтақаҳои кишвар истифода шуда, асоси таҳқиқоти илмиро оид ба ташаккул, истифодаи самаранок ва таҳкими равандҳои сармоягузорӣ ташкил диҳанд.

**Интишор аз руи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 9 кори илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар

маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

## РЎЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ МУАЛЛИФ АЗ РЎЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Давлатзода, Д. Ш. Хусусият ва афзалиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Ш. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. 4-2(34). – С. 160-167. ISSN: 2663-0389

[2-М] Давлатзода, Д. Ш. Афзоиш тавассути сармоягузории хориҷӣ: марҳилаи нав барои рушди иқтисоди минтақа [Матн] / Д. Ш. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №. 4-2(39). – С. 529-540. ISSN: 2663-0389

[3-М] Давлатзода, Д. Ш. Баъзе масъалаҳои назариявии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар шароити рушди бозор [Матн] / Д. Ш. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №. 1(35). – С. 252-261. ISSN: 2663-0389

[4-М] Содиқов, М. С. Танзими давлатии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М. С. Содиқов, Д. Ш. Давлатзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №. 4-2(64). – С. 28-36. ISSN: 2664-0651

[5-М] Давлатзода, Д. Ш. Сармоягузории хориҷӣ ва мавқеъи он дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ [Матн] / Д. Ш. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №. 2-2(47). – С. 219-226. ISSN: 2308-054X

[6-М] Давлатзода, Д. Ш. Роҳҳои такмили равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон / Д. Ш. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – №. 4(43). – С. 246-256. ISSN: 2663-0389

### Дар дигар нашрияҳо:

[7-М] Давлатзода, Д. Ш. Саноатгардонии иқтисодиёти Тоҷикистон ва тағозоҳои он. / Буриева М.Ч., Д. Ш. Давлатзода // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи: “Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: Ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмиллалӣ” Душанбе, 2018 саҳ. 207-209.

[8-М] Давлатзода, Д. Ш. Мировое Экономическое положение и переспективы на 2021-2022 годы. / Эмомов М.Д., Д. Ш. Давлатзода // Сборник статей международной научно-практической конференции на тему: “Таджикистан в системе современных международных финансово-кредитных отношений. г. Душанбе, ТГФЭУ, 26 ноября 2021 года с. 407-412.

[9-М] Давлатзода, Д. Ш. Таъсири сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи6 «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории

хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба солҳои рушди саноат 2022-2026 ш. Душанбе, 6-уми майи соли 2023. Саҳ. 321-332

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Мавзуи диссертатсия ба самтҳои рушди илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории кишвар махсусан дар вилояти Хатлон робита дорад. Мундариҷа ва муқаррароти кори диссертатсионӣ инчунин ба самтҳои асосии тадқиқоти бунёдии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025, ва ба самтҳои таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

**Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ДДМИТ аз 15.11.2024 №32 мавҷуд ҳаст.

Дар маҷлиси кафедра пас аз баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)»” чунин

**қарор қабул карда шуд:**

1. Баромади Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), тақризҳои муқарризони холис Аминов И. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи менеҷмент, Мирсаидов С.А. - д.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти биржавӣ, Нуриддинов С.З. – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи қитисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва хулосаи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Содиқов Метархон Соқибекович ба инобат гирифта шавад;
2. Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267" тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 22 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 13- нафар, Зид - нест, Бетараф - нест.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, протоколи № 4 аз «30» ноябри соли 2024 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
профессори кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкорӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Фақеров Ҳ.Н.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкорӣ Абдумухторзода Н.А.

Имзоҳои **Фақеров Ҳ.Н.** ва **Абдумухторзода Н.А.** -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ, Мирҷамолов М.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ